**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст.**

Рисолаи ходими илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи **«Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** таълиф шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, китобнома ва рӯйхати гӯяндагону манобеи мавод иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф оид ба зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, таъйини мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, бозёфтҳои илмии диссертатсия, методологияи таҳқиқ ва арзишҳои назарию амалии он суханронӣ намудааст.

Дар рисола ду мавзуи калони бо ҳам алоқаманд матраҳ шудааст, якум “Инъикоси рӯзгор ва шахсияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ” ва мавзуи дувум “Намунаҳо ва ишораҳои фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ”. Ҳар кадоме аз ин мавзуот доманадор ва тозаву таҳқиқнашуда мебошанд.

Мақсади асосии диссертатсияи номзадии Ф. Исмоилов таҳқиқи ривоятҳо дар бораи шахсият ва рӯзгори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ошкор намудани мавқеи адабиёти бадеии шифоҳӣ дар ашъори ӯ мебошад.

Воқеан, то ба имрӯз дар омӯзишу баррасии чеҳраи бадеии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асоси ривоятҳои китобию шифоҳӣ ягон таҳқиқоти комили илмӣ ба миён наомадааст ва мавзуи интихобнамудаи диссертант тозаву пажуҳишнашуда ва актуалӣ мебошад.

Аз маводи гирдовардаи муаллиф ва аз ишороту иқтибосҳои манобеъ дар рисола ба хубӣ аён мегардад, ки Исмоилов Фаредун якчанд сол дар таҳқиқи мавзуъ заҳмат кашида, вориди кор шудааст ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст. Рӯйхати мақолаҳои таълифнамудаи диссертант низ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ паҳлуҳои гуногуни мавзуъро амиқ омӯхтааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ хеле хуб, возеҳ ва мушаххас баён шудааст. Ҳамчунин муаллиф мақсаду вазифаҳоро зикр кардааст ва кӯшидааст, ки дар рисола онҳоро муфассал бо далелу мисолҳо собит намояд.

Дараҷаи омӯзиш як андоза мухтасар буда, чанд сухан оид ба таърихи гирдоварии ривоятҳои марбут ба устод Рӯдакӣ гуфта шудааст ва поёнтар номи баъзе олимону асарҳои онҳо низ зикр гардидаанд.

Дар бахши сарчашмаҳои мавриди таҳқиқи мавзуи рисола хуб мешуд, ки шумораи ривоятҳои шифоҳии гирдовардаи муаллиф, ҳамчунин миқдори ривоятҳои китобии бадастомада таъкид мегашт, ки он боиси беҳтар шудани дараҷаи илмии кор мешуд.

Боби аввали рисола зери унвони **«Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ»** аз ҳафт фасл иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки дар номгузории фаслҳо ба такрор роҳ дода шудааст. Чунончи, ибораи "ривоятҳои мардумӣ" дар унвонҳои шаш фасли боби якум батакрор омадааст, ки ба ҳусни номгузорӣ каме халал ворид намудааст.

Фаслҳои якум, дуюм ва сеюми диссертатсия ба масъалаҳои инъикоси зодгоҳ ва овони кӯдакии шоир, муносибати Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ ва Рӯдакӣ ҳамчун ҳакиму табиб дар ривоятҳои мардумӣ бахшида шудаанд. Муаллиф саъй кардааст, ки зимни овардани ривоятҳо онҳоро бо факту санадҳо аз манобеи адабию таърихӣ муқоиса намояд ва саҳеҳияти онҳоро собит созад.

Фасли чоруми боби аввал “Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ” номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл оид ба ишқи Рӯдакӣ зебоипарастиву ашъори ошиқонаи шоир маълумот дода шудааст.

Дар фасли панҷуми ҳамин боби рисола «Нобиноии Рӯдакӣ аз рӯи ривоятҳои мардумӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар он аз сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти мушаххас оварда, масъалаи баҳси нобиноии шоирро матраҳ кардааст. Ҳамчунин, муаллиф андешаҳои академик А. Мирзоевро дар бораи ба панҷ даста тақсим кардани маълумоти марбут ба масъалаи нобиноии Рӯдакӣ зикр намудааст ва баъдан ривоятҳои марбут ба ин мавзуъро оварда, ба таҳлилу муқоисаи мундариҷаи онҳо пардохтааст. Бояд гуфт, ки баҳси илмӣ ва истинод аз осори фолклорӣ дар ин фасл хеле хуб анҷом дода шудаанд. Фаредун Исмоилов низ ҳамчун яке аз муҳаққиқони аҳволу ашъори Рӯдакӣ дар ин масъала мавқеъ ва ақидаи худро баён кардааст, яъне устод Рӯдакӣ дар поёни ҳаёти худ нобино шудааст.

Фасли шашуми рисола “Назари мардум оид ба мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ” унвон дорад. Дар ибтидои он таърихи ҷустуҷӯйи қабри шоир бо ташаббуси устод С. Айнӣ шарҳ ёфта, сипас якчанд ривояти халқӣ баррасӣ шудаанд. Аз хулосаи диссертант дар ин фасл маълум мешавад, ки миқдори ривоятҳои марбут ба зодгоҳу қабри Рӯдакӣ назар ба дигар мавзуъҳо бештар будаанд.

Дар фасли ҳафтум ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир матраҳ шуда, муаллифи рисола аҷдоду авлоди Рӯдакиро, бино ба маълумоти ривоятҳо, ба “авлоди муллоҳои ҳавоӣ” мутаалиқ медонад. Илова ба шарҳи муаллиф бояд гуфт, ки ривоятҳои марбут ба “авлоди муллоҳои ҳавоӣ” мазмунҳои асотирӣ доранд, чунончи, мотивҳои паридан дар ҳаво, асо ба замин задан ва аз он ҷо чашма баромадан ва ғайра.

Боби дувуми рисола **«Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ»** унвон дорад. Воқеан, шеъри устод Рӯдакӣ фарогири ҷузъиёти фарҳангӣ ва иҷтимоии замони худ аст, ки дар байни онҳо унсурҳои ҳам фарҳанги ориёӣ, ҳам фарҳанги сомӣ ва ҳам тамаддуни Ҳинди бостонро мушоҳида кардан мумкин аст.

Фасли якуми ин боб "Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" унвон дорад. Тавре ки муаллифи диссертатсия қайд кардааст, "шоир аз бовару эътиқодоти мардум нисбат ба устураҳои тахайюлӣ ва дигар одатҳои омиёна хабардор будааст ва ҳангоми мутолиаи шеърҳои ӯ хонанда ба зудӣ ин масъаларо пай бурда метавонад" (дисс, с.79).

Баррасии образҳои асотирии дев, парӣ, Симурғ ва чанде дигар, ки Рӯдакӣ дар ашъори худ онҳоро дар контекстҳои гуногун ба кор бурдааст, нисбатан хуб анҷом ёфтаанд. Диссертант дар мавриди таъриф, яъне шиносонидани ин ё он чеҳра асосан ба фарҳангу луғатномаҳо рӯй овардааст, аммо хуб мешуд, ки ба мақолаву рисолаҳои илмӣ, ки ҳам олимони тоҷик ва ҳам олимони русу эронӣ ба табъ расонидаанд, муроҷиат мекард. Чунончи, мақолаҳои О.А. Сухарева – «Пережитки демонологии и шаманства у равнинных таджиков» (Домусульманские верования и обряды в Средней Азии. М.: Наука. 1975), О. Муродов – «Представления о дэвах у таджиков средней части долины Зеравшана // Советская этнография. 1973, №1», Д. Раҳимӣ – «Тобишҳои тасвири дев дар афсонаҳои тоҷикӣ» (Паёмномаи фарҳанг. 2014, №4), Д. Раҳимӣ – «Таҳаввули симои мурғи асотирӣ – Симурғ дар адабиёт ва фолклори тоҷик» (Паёмномаи фарҳанг. 2021. №2), С. Наим – «Андешаҳо дар хусуси маъниҳои қадима ва нави устураи Заҳҳок» (Масъалаҳои фолклори кишварҳои форсизабон. Кит. 1. Душанбе, 1998).

Дар ин фасл унвонҷӯ саъй намудааст, ки роҷеъ ба образи парӣ аз луғатномаҳо шарҳ ҷуста, онро бо парии афсонаҳои тоҷикӣ ва тасвири Рӯдакӣ муқоиса намояд. Бояд гуфт, ки симои парӣ дар “Авесто” манфӣ аст ва ӯ яке аз махлуқони аҳриманӣ ба шумор меравад, ки ба муқобили офаридаҳои аҳуроӣ мубориза мебарад. Аммо дар тӯли қарнҳо дар тасаввуроти асотирии эронитаборон он ба симои нек табдил ёфтааст, ки осори онро дар адабиёти хаттию шифоҳӣ мушоҳида мекунем. Таҳаввули образи парӣ, маълум мешавад, ки баъд аз исломро қабул кардани эрониён ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тариқ, дигар персонажҳои асотирии фолклор ва адабиёти тоҷик ҳам дар тӯли таърих бо сабаби дигар шудани ҷаҳонбинии динӣ таҳаввул пазируфтаанд.

Фасли дувуми боби аввал “Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” мебошад. Таҳлилу хулосабарориҳои Ф. Исмоилов дар ин фасл бо далелҳо аз ашъори шоир ва шарҳу тафсилот сурат гирифтааст. Диссертант корбурди зарбулмасалу мақолҳоро дар ашъори Рӯдакӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст, якум матни зарбулмасалҳое, ки айнан оварда шудаанд ва дувум мазмуни онҳо корбаст шудаанд. Ӯ дуруст хулоса мекунад, ки Рӯдакӣ бо мардум буд ва аз эҷодиёти мардум зиёд бахрабардорӣ кардааст.

Ба дунболи он дар рисола фасли “Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ” омадааст. Рӯдакӣ якчанд калимаро, ки баъзеяшон маҷозан омадаанд, барои ифодаи фикри хеш дар шеърҳояш истифода намудааст. Аммо ин калимаҳо номи гурӯҳи матнҳоянд, ки пас аз ҳазор сол онҳоро ҳамчун истилоҳоти адабиёти шифоҳӣ қабул кардаем.

Дар мавриди калимаҳои суруд фикру мулоҳизаҳои диссертант сад дар сад дурустанд, ки шоир “суруд” гуфта, шеъри оҳангдоре, ки иҷро мешавад, дар назар дорад. Ногуфта намонад, суруд истилоҳи илми санъатшиносӣ ҳам ҳаст.

Ҳамин тариқ, дар баррасии калимаҳои қисса, панд, муаммо ва масал ҳамчун истилоҳоти фолклорӣ муаллифи рисола ба хулосаҳои дуруст омадааст. Жанри чистон, ки имрӯз мо онро “чистон” меномем, ҳазор сол пеш онро луғз меномидаанд ва ба эҷоди он бештар шоирон машғул буда, байни аҳли адабу фарҳанг гуфтану ёфтани он роиҷ будааст. Баъдтар дар байни мардум, ё шояд аз ҳамон замонҳо чистонҳои манзум пайдо шудаанд, ки дар асоси осори манзуми шоирон эҷод гаштаанд, ишора кардааст диссертант.

Фасли панҷуми боби дуюм ба жанри марсия бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки марсия, асосан, дар адабиёти хаттӣ мавқеъ дорад. Дар байни мардум камтар ба назар мерасад ва агар ҳам бошад, маншаъ аз адабиёти китобӣ мегирад. Муаллифи рисола ҳам ин нуктаро ишора карда, андешаву мулоҳизаҳои худро дар ин фасл бар мабнои адабиёти хаттӣ ва пажуҳишҳои адабиётшиносон баён кардааст.

Дар фасли шашуми рисола муаллиф ба таҳлилу таҳқиқи чеҳраҳои асотирӣ, ки дар шеъри Рӯдакӣ ҳамчун талмеҳ истифода шудаанд, пардохтааст. Ӯ чеҳраҳои Ҳотами Той, Рустам, Сом, Исфандиёр, Луқмони ҳаким, Маҷнун, Лайлӣ, Юсуф, Зулайхоро як-як бо муқоисаву муқобала шарҳ додааст.

Боби сеюм **“Ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якум ӯ ба бозтоби ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Рӯдакӣ пардохта, нахуст ин ҷашнҳоро мухтасар муаррифӣ кардааст. Дар идома муаллифи диссертатсия бо мисолу далелҳо ва муқоисаи суннатҳои мардумӣ байтҳои марбут ба баҳору Наврӯз ва Меҳргонро хеле хуб баён намудааст. Муаллиф дуруст хулоса мекунад, ки “ашъори Рӯдакӣ саршор аз таҷрибаву мушоҳидаҳои воқеии ҳаётӣ буда, шоири нуктасанҷу мушоҳидакор роҷеъ ба ҳар гуна масоили ҳаётӣ бо чашми хирад назар афканда, борҳо санҷидаву пасон ба шакли шеърӣ иншо намудааст” (дисс, с. 136).

Фасли дуюми боби севум ба бозтоби расму ойинҳои суғворӣ дар ашъори Рӯдакӣ бахшида шудааст. Фикру мулоҳизаронӣ ва муқоисаву иқтибосҳои унвонҷӯ бамаврид ва мушаххас сурат гирифтаанд. Воқеан, дар шеърҳои Рӯдакӣ калимаву истилоҳҳои зиёди азодорӣ мавҷуданд, ки баррасии онҳо моро ба суннатҳои тоисломию исломӣ ошно месозанд.

Фасли охирини боби сеюм инъикоси боварҳои мардумиро дар ашъори Рӯдакӣ фаро гирифтааст. Нахуст муаллиф суннати хобгузорӣ ё таъбири хобҳоро дар фарҳанги мардуми тоҷик шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ барои исботи фикри худ аз асарҳои фолклорӣ дар мавридҳои муайян иқтибос овардааст.

Дар ин фасл муаллиф роҷеъ ба суннати хобгузорӣ ё таъбири хобҳо, сеҳру ҷоду, лайлатулқадр ва дуоҳои мардумӣ, ки дар шеъри Рӯдакӣ акс ёфтаанд, мулоҳизаронӣ кардааст.

Дар охири рисола хулосаҳои диссертант дар 5 параграф зикр шудаанд, ки ба таври куллӣ матолиби мавриди баҳс ва дастовардҳои рисоларо дар бар мегиранд.

Дар рисола ҳар як боб дар аввал даромад ва дар интиҳо хулосаву натиҷагириҳои мухтасар дорад ва фикру мулоҳизаҳои муаллиф нисбат ба муҳтавиёти боб дар охир ҷамъбаст шудаанд.

Дар маҷмуъ, пажуҳиши анҷомдодаи Исмоилов Фаредун бори дигар собит менамояд, ки Рӯдакӣ шоири маҳбуби мардуми тоҷик буду ҳаст. Дар тӯли садсолаҳо мардум хотираҳои худро чун донишҳои азизу муқаддас дар бораи шоири ҳамдеҳаашон ҳифз карда, аз насл ба насл интиқол додаанд. Баъзе ривоятҳое, ки дар сарчашмаҳо зикр шуда, дар рисола баррасӣ гаштаанд, решаҳои ҳазорсола доранд ва дар худ мазмунҳои таърихию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникиро инъикос кардаанд.

Аз осори устод Рӯдакӣ беш аз ҳазор байт боқӣ мондааст ва ин рангорангии муҳтавиёту образу мазмунҳои ашъори ӯ, ки Ф. Исмоилов аз баҳр як қатраашро таҳқиқ кардааст, агар мероси Рӯдакӣ ба кулли боқӣ мемонд, шояд пажуҳишгоҳу академияҳои махсус лозим мешуданд, то ки осори ин абаршоири порсигӯйро таҳқиқу баррасӣ намоянд.

Ҷанбаҳои хуб ва муваффақиятҳои рисола зиёданд, аммо азбаски мавзуи мавриди пажуҳиш васеъ мебошад, дар он баъзе камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки дар поён мо ба чанде аз онҳо ишора мекунем:

1. Муаллиф ба ҳайси сарчашмаи мавод бештар ба маҷмуаи тартибдодаи худ "Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ" (Душанбе: Истеъдод, 2015. – 30 с.) ишорат мекунад, ки он маҷмуаи комили илмӣ нест. Маҷмуа аз ривоятҳое таркиб ёфтааст, ки онро мураттиб аз китобу маҷмуаҳои дигар, Фонди фолклори тоҷик ва бархе аз онҳоро аз гӯяндаҳо худаш мустақиман сабт намудааст. Аммо ривоятҳо на шумора доранду на ишора ба сарчашма ва гӯяндаашон. Маълум нест, ки аз кадом китобу мақола гирифта шудаанд. Хуб мешуд, ки унвонҷӯ дар ин масъала аз китоби «Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ»-и мураттибон Р. Амонов ва М. Шукуров (1963) истифода мекард.
2. Хеле хуб мешуд, ки диссертант дар бораи хусусиятҳои ривоят чанд ҷумла мегуфт. Масъалаи вариантнокии ривоятҳо, навъу сохтори он дар мисоли ривоятҳои марбут ба устод Рӯдакӣ таҳлили фолклоршиносӣ нашудаанд. Масалан, иқтибоси шифоҳӣ ё такя бар нақли пешиниён, ки дар ҳамаи навъҳои ривоят мавқеъ дорад ва дар ривоятҳои мавриди баррасӣ дар рисола ҳам ба назар мерасад, таҳлили ҷиддӣ мехоҳад.
3. Якчанд мақолаҳои муҳим доир ба назарияи ривоятҳои шифоҳии тоҷикӣ ба табъ расидаанд, ки муаллиф аз онҳо истифода мекард

сифати кораш беҳтар мешуд. Чунончи, Д. Обидов "Андешаҳо перомуни ривоятҳои тоҷикӣ // Фолклор, адабиёт, забон" (Душанбе: Эр-граф, 2004), Р. Раҳмонӣ, "Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик", (Душанбе, 2008), Д. Раҳимов "Ривоятҳои мардумӣ ва хусусиятҳои он // Ҷавонон ва илми муосир (Душанбе: Дониш, 2007" ва "Чанд сухан оид ба табақабандии жанрҳои насри шифоҳии тоҷик // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Силсилаи филология ва шарқшиносӣ, №3, 2011) ва чанде дигар.

4. Таҳқиқот бештар аз нигоҳи адабиётшиносӣ анҷом ёфтааст ва таҳлилу баррасиҳои фолклоршиносӣ камтар дида мешавад. Ҳол он ки роҷеъ ба назарияи ривоят ва умуман чеҳранигорӣ дар фолклор мақолаву рисолаҳои гуногун таълиф ва чоп шудаанд. Диссертант аз асарҳои назариявии фолклоршиносони шӯравӣ ва муосир ба таври густарда истифода набурдааст. Яъне таҳқиқоти маҳдуд ба вуҷуд омадааст. Аз нигоҳи методология низ аз усулҳои ҷомиашиносӣ, чандомад, таҳлили сохторӣ-типологӣ, ки барои пажуҳишҳои мардумшиносӣ ва адабиётшиносӣ натиҷаи хуб медиҳанд, кам корбурд шудааст.
5. Услуби нигориш дар бисёр ҷойҳои рисола ба услуби публитсистӣ ва ғайриилмӣ монанд шудааст. Баҳсҳо ва таҳлилҳои илмӣ дар баъзе масъалаҳо кам ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои мазкур арзиши илмии рисоларо кам намегардонанд ва диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ, рисолаи комилан анҷомёфта ба шумор рафта, ба тамоми талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология

мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуни диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.

**Номзади илми филология,**
**мудири бахши мероси фарҳанги**
**моддии Маркази мероси**
**фарҳангии Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва**
**иттилооти Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимӣ Дилшод Камолзода**

**Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев 17,**
**Почтаи электронӣ: dilshodr@gmail.com**
**Телефон: 907-84-27-85.**

**Имзои Д. К. Раҳимиро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Раджабова А.К.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**«14» ноябри 2022**